**Протоколи № 24**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-010**

аз «11» октябри соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Раиси шуро**: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докт널 илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (Urtica Dioica L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г. ва аъзои комиссия доктори илмҳои химия Раҳмонов Р.О., номзади илмҳои химия Турдиалиев М.З., оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (Urtica Dioica L.)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссерттасионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (Urtica Dioica L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Иззатуллозода Алихон Саидқул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (Urtica Dioica L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Пулатов Элмурод Холиқулович – доктори илмҳои химия, сарходими илмии озмоишгоҳи «Синтези органикӣ»-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Маҳкамзода Биҳамида Ҳусайн – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи ташхиси клиникии озмоишгоҳи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

3. Ба сифати муассисаи пешбар – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 08.01.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор 11 – нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.